Тасдиқ мекунам,

ҳамоҳангсози котиботи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
_____________ Мадҷон М. М.

аз « 29 » январи соли 2025

# П Р О Т О К О Л И №01

## ҷаласаи Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба “Вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул”-и Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

29 январи соли 2025 меҳмонхонаи “Атлас”

**Иштирок доштанд:** аъзои Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул, намояндагони мақомоти давлатӣ, шарикони рушд, бахши хусусӣ ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ (рӯйхат замима мегардад).

**Иштирок надоштанд:** аъзои Гурӯҳи корӣ аз вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимои аҳолӣ, Кумитаи андоз, Ҷамъияти иттиҳодияи маюбон, Ҷамъияти нобиноён, Иттиҳодияи миллии ношунавоёни Тоҷикистон, ҶДММ “Иқтидор”, “Мунисиъ Дил” ва “Фароштурук”.

Рӯзномаи ҷаласа:

1. Баррасии иҷрои индикаторҳои мақсадноки матритсаи нишондиҳандаҳои мониторинг ва арзёбии Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва нақшаи чорабиниҳои он барои солҳои 2021-2025.

2. Муаррифии Омӯзиши вазъи кунунии татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли пурмаҳсули табақаҳои осебпазири аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Тадбирҳои давлатӣ оид ба васеъ намудани шуғли маъюбон.

4. Вазъи шуғли маъюбон ва монеаҳои асосии шуғл "Дохил кардани маъюбон ба бозори меҳнат: Мушкилот ва таҷрибаи Ташкилотҳои ҷомеъаи шаҳрвандӣ”

5. “Шахсони дорои маъюбият ва монеаҳои асосӣ дар самти бо кор таъмин шудани онҳо”.

Ҷаласаро Мадҷон Манучеҳра Мирзоалӣ – ҳамоҳангсози котиботи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз намуда барои ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар самти тақвият бахшидани иқтидори зеҳнии кормандони мақомоти давлатӣ, шарикони рушд, бахши хусусӣ ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ изҳори сипос баён намуд.

Қайд карда шуд, ки яке аз ҳадафҳои стратегие, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дарҷ гардидааст, ин таъмин ва тавсеаи шуғли пурмаҳсул дар кишвар бо афзоиши шуғли расмӣ ва маҳсулнокии меҳнат, сатҳи муносиби музди меҳнат, инчунин шароити бехатарии кор ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин, доир ба омода намудани шарҳи фосилавии ҷараёни татбиқи “Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” ва гузоштани замина ба таҳияи лоиҳаи “Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030” маълумот пешниҳод намуд.

Оид ба масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа вобаста ба “Баррасии иҷрои индикаторҳои мақсадноки матритсаи нишондиҳандаҳои мониторинг ва арзёбии Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва нақшаи чорабиниҳои он барои солҳои 2021-2025” сардори Раёсати молия, таҳлил ва дурнамои Вазорати меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон  Давлатзода Наим гузориш пешниҳод намуд.

Қайд гардид, ки  Вазорат дар татбиқи иҷрои 6 идикатори асосӣ ва 66 нақшаи чорабиниҳо (22 масъул, 44 ҳаммасъул) “Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” масъул мебошад. Инчунин,  масъули иҷрои 8 ҳуҷҷати банақшагирии стратегӣ аз ҷумла 1 консепсия, 1 стратегия ва 6 барномаҳои соҳавиро корбарӣ мекунад, ки мақсади асосии ин ҳуҷҷатҳо барои ноил гардидан ба ҳадафи муайянгардидаи стратегии кишвар мебошад.

Оид ба масъалаи мазкур Мадҷон М. М., Ашурзода С., Эҳсонзода Х.  ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуданд.

Роҷеъ ба масъалаи дуюм оид ба мавзӯи “Омӯзиши вазъи кунунии татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли пурмаҳсули табақаҳои осебпазири аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”  Уктам Ҷумаев – коршиноси калони Агентии ҳамкории техникӣ ва рушд (ACTED) рӯнамо манзур намуд.

Оид ба масъалаи мазкур Мадҷон М. М., Ашурзода С., Алибахшова Ф, Иноятова С., Раупова С.  ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуданд.

Доир ба масъалаи сеюм оид ба мавзӯи “Тадбирҳои давлатӣ оид ба васеъ намудани шуғли маъюбон” Умед Муродзода муовини Директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ гӯзориш манзур намуд.

Қайд гардид, ки мутобиқи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" давлат ба шаҳрвандоне, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ мӯҳтоҷанд, дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд ва дар бозори меҳнат ба рақобати баробар қодир нестанд, бо роҳи таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои мақсадноки мусоидат ба шуғл, ташкил намудани ҷойҳои иловагии корӣ дар ташкилоту муассисаҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон (аз он ҷумла ташкилотҳо барои ҷалби меҳнати маъюбон), муқаррар намудани квотаҳо барои ба кор қабул намудани маъюбон ва гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, расонидани хизмати самтгирии касбӣ, инчунин бо роҳи ташкил намудани омӯзиш аз рӯи барномаҳои махсус ва дигар чораҳо кафолатҳои иловагиро таъмин менамояд.

Ҳамзамон дар доираи татбиқи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027, дар давраи соли 2023 ва 2024 аз хизматрасониҳои мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ 1270 нафар шахсони имконияташон маҳдуд ва 3709 нафар волидони яккаву танҳо ва инчунин, шахсоне, ки дар тарбияашон кӯдакони ноболиғи маъюб доранд, баҳравар гардиданд.

Дар ин давра, 3709 нафар волидони яккаву танҳо ва инчунин, шахсоне, ки дар тарбияашон кӯдакони ноболиғи маъюб доранд, бо мусоидати мақомоти шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳо аз ҳисоби квотаҳо бо ҷои кор таъмин шуданд.

Оид ба масъалаи мазкур Мадҷон М. М., С. Иноятова, Қурбонхонова С., Ашурзода С. ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуданд.

Вобаста ба масъалаи чорум дар мавзӯи "Вазъи шуғли маъюбон ва монеаҳои асосии шуғл "Дохил кардани маъюбон ба бозори меҳнат: Мушкилот ва таҷрибаи Ташкилотҳои ҷомеъаи шаҳрвандӣ" Лигаи занони маъюб директори Ташкилоти ҷамъиятии "Иштирок" Саида Иноятова ва директори Ташкилоти ҷомеъаи шаҳрвандии "Ирода" Лола Насрединова рӯнамо пешниҳод намуданд.

Оид ба масъалаи мазкур Мадҷон М. М., Ашурзода С. ва дигар иштироккунандагон ибрози назар намуданд.

Роҷеъ ба масъалаи панҷум ҷаласа вобаста ба мавзӯи "Шахсони дорои маъюбият ва менеаҳои асосӣ дар самти бо кор таъмин шудани онҳо" аз ҷониби Санавбар Раупова Ташкилоти ҷамъиятии "Нерубахш" рӯнамо пешниҳод карда шуд.

Вобаста ба масъалахои баррасигардида аъзои гурӯҳи корӣ қарор қабул карда шуд:

Вазорати меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷрои нақшаи чорабиниҳо ва индикаторҳои асосии мониторинг ва арзёбии Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-

2025 масъул буда, то давраи татбиқи пурраи барнома барои амалишавии он чораҳои зарурӣ андешада шавад.

Пешниҳодҳое, ки аз ҷониби баромадкунандагон ва иштирокчиёни ҷаласаи мазкур ирсол гардид дар таҳияи лоиҳаи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 дар боби “Шуғли пурмаҳсул” ба инобат гирифта шаванд.

Котиби масъул М. Маликова